**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати таҷдид ва азнавсозии тамоми самтҳои муҳимми иқтисодиёт, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои бонкиро ба миён овард. Вобаста ба ин, дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар ба ҳам пайвастани равандҳо ва ҷараёнҳои муносибатҳои бозорӣ, васеъ паҳн шудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар иқтисодиёт, ки боиси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мегардад, торафт аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Пайваста зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиёти хатарнок ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйироти сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд.

Солҳои охир вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиёти қарзӣ ва монанди инхо зарурати таҳқиқоти бештарро ба миён овардааст. Вобаста ба ин зарурияти қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ

Дембегиев Мисралӣ Сафармадович бо назардошти муҳимияти ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурӣ буда, он таҳкиқоти доимӣ ва усулҳои иловагиро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки автореферати унвонҷӯ вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида мукаммал буда, қобили дастгирӣ мебошад. Ҳамзамон илова бар ин гуфтан мумкин аст, ки дар баробари муваффақиятҳо хуб мешуд, агар унвонҷӯ ба масъалаи зерин аҳамият медод:

1. Заминаҳои минбаъдаи хизматрасониҳои виртуалиро бо дарназардошти мавқеи ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ намуда, имконияти рушди минбаъдаи онҳоро муайян менамуд.
2. Дар автореферат вобаста ба мушкилоти имрӯзаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

Автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи системаҳои
иттилоотӣ дар иқтисодиётӣ ДМТ Шамсов И.С.

Дурустии имзои Шамсов И.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

29.03-23